**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи: «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Институти ҳимояи судӣ яке аз ҷузъҳои асосии низоми кафолатҳои конститутсионӣ дар самти амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Таъмини риоя ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд танҳо дар шароите муяссар аст, ки дар он волоияти қонун воқеан татбиқ мегардад ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ба меъёрҳои ҳуқуқии муосир асос ёфта бошад. Давлат натанҳо уҳдадор аст ҳуқуқи ҳар як шахсро барои муроҷиат ба суд бо мақсади ҳимояи манфиатҳои қонунии худ расман эълон кунад, балки кафили воқеии таъмини амалии ин ҳуқуқ мебошад.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳуқуқ ба ҳимояи судиро, ҳамчун яке аз кафолатҳои асосии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, на танҳо ҳамчун воситаи таъмини татбиқи дигар ҳуқуқҳо, балки ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи воқеии амнияти инфиродӣ дар ҷомеа баррасӣ мешавад. Самаранокии ин ҳуқуқ пеш аз ҳама аз сифати танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти мустақилонаи низоми судӣ вобаста аст.

Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути мақомоти судӣ ҷузъи ҷудонашавандаи механизми ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба шумор рафта, самти асосии амалӣ намудани адолати судӣ ва кафолати риояи ҳуқуқи бунёдӣ мебошад. Суд ҳамчун унсури марказии низоми ҳокимияти давлатӣ накши калидиро дар барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда, пешгирии худсарии мақомоти давлатӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебозад.

Бо дарназардошти ин, метавон хулоса кард, ки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон бояд натанҳо ҳамчун унсури муассири ҳокимияти судӣ, балки ҳамчун пояи устувори давлатдории ҳуқуқбунёд ва кафолати амалӣ шудани арзишҳои умумибашарии ҳуқуқи инсон баррасӣ гардад.

Аз таҳқиқоти пурра ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқӣ-илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар бар гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ буда, солҳои охир бо дарназардошти рушди ҳамаҷонибаи ҳуқуқҳои шахс ва ҳифзи судии самаранок, ки бар асоси принсипҳои озодӣ ва баробарӣ асос ёфтааст, дар маркази таваҷҷуҳи олимон қарор дорад.

Диссертатсияи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти илмии таърихӣ-назариявии дар самти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ба шумор меравад.

Раҳимзода С.О. дар раванди тадқиқоти илмӣ як қатор нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро оид ба ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили минбаъдаи қонунгузории Ватанӣ муҳим мебошанд. Аз мазмун ва мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллифи диссертатсия вазифаҳои дар наздаш гузоштаашударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст.

Автореферати диссертатсияи Раҳимзода С.О. ба таҳқиқоти мустақилонаи илмии проблемаи мубрам: «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», бахшида шудааст.

Сохтори диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки он ифодакунандаи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян мекунад.

Новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масоиле ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии амиқи илмиро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

1. Дар банди 4.2. автореферати диссертатсия, ки пешниҳодҳои хусусияти амалидошта мебошанд муаллиф қайд мекунад, ки барои муайян кардани вазифаҳо, принсипҳо ва шаклҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии мақомоти судӣ бояд ба санадҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ тағйирот ворид карда шаванд. Аммо мушаххас оварда нашудааст дар кадом санадҳои меъёрӣ. Хуб мешуд, ки пешниҳоди мазкур дар вақти ҳимояи диссертатсия аз ҷониби маллиф шарҳ дода шавад;

2. Дар банди 4.3. автореферати диссертатсия, ки пешниҳодҳои хусусияти амалидошта мебошанд муаллиф қайд мекунад, ки дастрасии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии боихтисос васеъ карда шавад, аз ҷумла таъсиси марказҳои махсус барои дастгирии ҳуқуқии ройгон ва такмили механизмҳои иштироки адвокатҳо дар мурофиаҳои марбут ба ҳифзи

ҳуқуқ ва озодиҳои шахс. Ҳоло он, ки дар назди Вазорати адлия Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати ёрии ҳуқуқӣ ва дар бисёре аз шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои ёрии ҳуқуқии ройгон таъсис дода шудааст;

3. Дар саҳифаи 30 автореферат муаллиф қайд мекунад, ки масъалаҳои зиёде ба миён меоянд, ки баъзе аз онҳоро муаллиф дар таҳқиқоти худ баррасӣ кардааст, дар ҳоле ки дигарон бояд баррасӣ шаванд, зеро онҳо хусусияти баҳсбарангези худ ва робитаи онҳо бо соҳаҳои ҳуқуқ, ки ба мавзӯи рисола алоқаманд нестанд. Мехостам муаалиф масъалаи мазкурро дар вақти ҳимояи диссертатсия шарҳ диҳад.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявиро доро буда, мазмун, мақсад ва моҳияти таҳқиқотро тағйир намедиҳад.

Аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Раҳимзода Сафар Орзу ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва сохти илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сафарбекзода Ҳ. С

Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67
Тел.: +992909050303 Е-майл: hukmiddih-1981@mail.ru

**Имзои Сафарбекзода Ҳ. С. - ро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
«03» 02 2026 Нажмулинов М.М.